# САВОДОМӮЗИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА ХОНИШ

**Қисми 2-юм**

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 1-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст*

Нашри нав




Тошканд – 2021

УЎК 811.222.8(075.3)
КБК 81.2(5Тад)я72
Ч 78

Таваккал Чориев, Ҷумъаназар Эшонқулов

Муқарризон:

***Г. Юсупова*** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 19-уми ноҳияи Пасдарғоми вилояти Самарқанд;

***Н. Очилова*** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 53-юми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё;

***Д. Ҳамроқулова*** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 62-юми шаҳри Самарқанди вилояти Самарқанд;

***Р. Кӯчканова*** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 15-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

 – Андешаронӣ

 – Мустақилфикрӣ

 – Фаъолияти эҷодӣ

 – Фарҳанги имло

 – Кор бо луғат

 – Машғулияти завқбахш

 – Кор бо гурӯҳ

 – Ганҷи андарзҳо

 – Тест (Pisa)

 – Чархи ақл

 – Хушзеҳнӣ

 – Савол ва супориш

 – Вазифаи хонагӣ

Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш, синфи 1 (Матн): китоби дарсӣ / Т. Чориев (ва диг.) (Қисми 2-юм). – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2021. – 104 саҳ.

*Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби маркази таълими Республика коркард шудааст.*

*Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.*

ISBN 978-9943-7522-7-6

© Маркази таълими Республика, 2021

## Мундариҷа


| | | |
|---|---|---|
| **Боби IV. Санъат ва маданият** | | |
| Мавзӯи 74. | Баёни фикру мулоҳизаҳо аз рӯйи расму тасвирҳо | 5 |
| Мавзӯи 75. | Хониши ифоданоки шеър ва машқи талаффузи садонокҳо | 8 |
| Мавзӯи 76. | Корбасти калимаҳои ифодакунандаи созҳои мусиқӣ дар нутқ | 11 |
| Мавзӯи 77. | Корбасти калимаҳо дар нутқ | 14 |
| Мавзӯи 78. | Ҳиҷо | 15 |
| Мавзӯи 79. | Машғулияти ба ҳиҷо ҷудо кардани калимаҳо | 18 |
| Мавзӯъҳои 80–81. | Инкишофи нутқ | 19 |
| Мавзӯи 82. | Баёни фикр аз рӯйи расм | 23 |
| Мавзӯъҳои 83–84. | Кор бо калимаҳои таркиби матн | 24 |
| Мавзӯи 85. | Қобилу Қодир | 27 |
| Мавзӯи 86. | Инкишофи нутқ | 28 |
| Мавзӯъҳои 87–88. | Хониши матн ва нақли мазмуни он | 30 |
| Мавзӯи 89. | Бо интихоби сарлавҳа тартиб додани матн | 34 |
| Мавзӯи 90. | Тасвири манзара | 35 |
| Мавзӯи 91. | Нақли афсона ва мултфилмҳои дӯстдошта | 37 |
| Мавзӯи 92. | Хониш ва нақли афсонаҳо | 39 |
| Мавзӯъҳои 93–94. | Одоби мулоқот бо телефон | 41 |
| Мавзӯи 95. | Хониши матн ва баёни мазмуни он | 45 |
| Мавзӯъҳои 96–97. | Тартиб додани ҷумла ва матн | 47 |
| Мавзӯи 98. | Такрор ва мустаҳкамкунӣ | 49 |
| Мавзӯи 99. | Кори назоратӣ ва таҳлили он | 51 |
| **Боби V. Забон ва ҷомеа** | | |
| Мавзӯи 100. | Нақли мазмуни суханҳои пурҳикмат | 52 |
| Мавзӯи 101. | Хониши ифоданоки шеър | 54 |
| Мавзӯи 102. | Корбасти калимаҳо дар нутқ | 55 |
| Мавзӯи 103. | Корбасти калимаҳои шаклан танҳову ҷамъ дар нутқ | 57 |
| Мавзӯи 104. | Калима | 59 |
| Мавзӯи 105. | Калимаҳои ифодакунандаи номи предметҳо | 61 |
| Мавзӯи 106. | Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳо | 63 |
| Мавзӯи 107. | Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳо | 65 |
| Мавзӯи 108. | Калимаҳои ифодакунандаи миқдори предметҳо | 67 |
| Мавзӯи 109. | Аз сатр ба сатр кӯчонидани калимаҳо | 69 |
| Мавзӯи 110. | Корбасти ибора дар нутқ | 70 |
| Мавзӯи 111. | Корбасти ҷумла дар нутқ | 72 |

| | | |
|---|---|---|
| Мавзӯи 112. | Афсонаи рӯбоҳ, сангпушт ва мӯрча | 73 |
| Мавзӯи 113. | Афсонаи марди деҳқон ва кӯзаи зар | 75 |
| Мавзӯи 114. | Афсонаи рӯбоҳ ва паланг | 77 |
| Мавзӯи 115. | Афсонаи аз ҳама зӯртар кист? | 78 |
| Мавзӯъҳои 116–117. | Афсонаи чӯбак | 81 |
| Мавзӯи 118. | Бозии «Чашмбандак» | 83 |
| Мавзӯи 119. | Бозии «Бедона парид» | 84 |
| Мавзӯи 120. | Бозии «Бандкашӣ» | 85 |
| Мавзӯи 121. | Такрор ва мустаҳкамкунӣ | 86 |
| Мавзӯъҳои 122–123. | Кори назоратӣ ва таҳлили он | 88 |
| **Боби VI. Илм ва технология** | | |
| Мавзӯи 124. | Хониш ва баёни мазмуни матн | 89 |
| Мавзӯи 125. | Хониши ифоданоки шеър | 90 |
| Мавзӯи 126. | Қорбасти калимаҳо дар нутқ | 91 |
| Мавзӯи 127. | Қорбасти калимаҳо дар нутқ | 93 |
| Мавзӯи 128. | Баёни фикр аз рӯйи расму тасвирҳо | 94 |
| Мавзӯи 129. | Хониш ва баёни мазмуни матн | 95 |
| Мавзӯи 130. | Қорбасти калимаҳо дар нутқ | 97 |
| Мавзӯи 131. | Калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар | 98 |
| Мавзӯи 132. | Машғулияти завқбахш | 100 |
| Мавзӯъҳои 133–134. | Такрор ва мустаҳкамкунӣ | 101 |
| Мавзӯъҳои 135–136. | Кори назоратӣ ва таҳлили он | 103 |

# МУСИҚӢ – ИЛҲОМБАХШИ ФАРАҲМАНДӢ

## Мавзӯи 74. Баёни фикру мулоҳизаҳо аз рӯйи расму тасвирҳо

Бо назарандозӣ ба расм ва интихоби калимҳои зерин фикратонро баён намоед.



**Калимаҳо барои истифода:** суруд, оҳанг, ичро, мехонанд, бачаҳо, хушовоз, дилнишин, форам, мусиқӣ, мо, мехонем.

Порчаи шеъриро хонед ва пас аз он қаторовозҳои мусиқиро дар якҷоягӣ талаффуз кунед.

### Ҳафт овози мусиқӣ

Дар мусиқӣ ҳафт ҳарф ҳаст,
Ҳисоб кунӣ ту бо даст:
**До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ла, Си,**
Ҳафтто ҳарфи мусиқӣ.




Ҳафт овози мусиқӣ
Бунёди ҳар оҳанг аст.
Ҳамчун рангинкамон аст,
Овози рангоранг аст.
**До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ля, Си,**
**Си, Ля, Сол, Фа, Ми, Ре, До.**

*Ҷӯра Ҳошимӣ*



Мо гуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Дар илми мусиқӣ чанд ҳарфи нотагӣ мавҷудият дорад?
2. Ҳафт ҳарфи нотагӣ чӣ гуна ном доранд?
3. **До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ля, Си** дар якҷоягӣ чиро ташкил медиҳанд?
4. Чанде аз қаторовозҳои мусиқӣ дар охир ҳарф ва овозҳои садонок дорад?
5. Кадоме аз қаторовозҳои мусиқӣ дар охир ҳарф ва овози ҳамсадоро қабул кардааст?

Қаторовозҳои гуногунтарзи оҳангдорро такрор талаффуз намоед.

**до ре ми фа сол ля си**
**си ля сол фа ми ре до**

Ба расм сарлавҳа интихоб кунед ва пас аз он бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**Калимаҳо барои истифода:** Мерақсанд, мебозанд, духтаракон, духтаракони рақсомӯз, ҷавондухтарон.

Калимаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

Овоз, садо, оҳанг, суруд, иҷро, нота, қаторовоз, мусиқӣ

# Мавзӯи 75. Хониши ифоданоки шеър ва машқи талаффузи садонокҳо

## Ҳарфҳои мусиқӣ

**До** ҳарфи аввалин аст,
Аммо чӣ таҳнишин аст!
Бар ҳарфҳои дигар
Чун зинаи заррин аст.

**Ре** ҳарфи бекаму кост,
Ҳарфи равону буррост.
Ҷояш агарчи паст аст,
Аз **До** ҳамеша болост.

**Ми** ҳарфи сеюмин аст,
**Ми** савти дилнишин аст.
Буррад миёни **Ми**-ро
Хатте, ки аввалин аст.

**Фа** ҳарфи фораму хуш,
**Фа** хуш расад ба ҳар гӯш.
Ҷояш – миёни ду хат,
**Фа**-ро накун фаромӯш!

**Сол** аст ҳарфи солим,
Савташ хушу мулоим.
Дар рӯйи хатти дуюм
Бошад ҳамеша қоим.

**Ля** ҳарфи дилнавоз аст,
**Ля** хуштарин овоз аст.

Байни хатти дую се
Меъёри савту соз аст.

**Си** ҳарфи дилписанд аст,
Дар хатти байн банд аст.
Мақому мансаби **Си**
Бисёр ҳам баланд аст.

*Сафаралӣ Сатторов*

Шеърро бурро ва равон хонед.

Байни гурӯҳҳо бандҳои шеърро тақсим кунед. Ба баёни мазмун ва хониши он омода бошед.

Аз чанд ҳарфу овозҳои садонок иборат будани калимаҳоро номбар кунед. Баъд аз он ба ҳиҷоҷудокунӣ ба дафтар нависед.

Таҳнишин, дилнишин, дилнавоз, хуштарин, дилписанд.

Аз матни шеърӣ калимаҳои дар таркиб ҳамсадои якхелаи такрор навиштаро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

**Мо бигуфтем, шумо ҷавоб диҳед.**

1. Шоир донишомӯзонро бо кадом қаторовозҳои мусиқӣ ошно кардааст?
2. Шоир кадоме аз қаторовозҳои мусиқиро ҳамчун ҳарфи аввалин ва таҳнишин ёдрас намудааст?
3. Мувофиқи тасвири шоир қаторовози мусиқии Ре чӣ гуна аст?

4. Қаторовози мусиқии сеюмини савти дилнишиндор чӣ ном дорад?

5. Ҷиҳати ба худ хоси қаторовози мусиқии Фа-ро шоир бо корбасти кадом калима маънидод кардааст?

6. Қаторовози мусиқии савташ хушу мулоим чӣ ном дорад?

7. Қаторовозҳои мусиқии дилнавозу дилписанд чӣ ном доранд?

Номи созҳои мусиқии мусиқанавозони ҷавонро номбар кунед.



Ибораҳои зеринро бо хати зебо нависед.

Ҳофизи хушовоз, суруди дилнишин, оҳанги дилрабо.

# Мавзӯи 76. Корбасти калимаҳои ифодакунандаи созҳои мусиқӣ дар нутқ

Доира (даф), дутор, рубоб, тор, чанг, уд, барбат, ғиҷҷак, сурнай, карнай, нақора, табл ва ғайра номи созҳои мусиқӣ ба шумор меравaнд.

Мусиқишиносон созҳои мусиқиро ба се гурӯҳ ҷудо намудаанд: созҳои торӣ, созҳои нафасӣ ва созҳои зарбӣ.

Аз рӯйи расм номи созҳои мусиқиро номбар кунед.



Бо корбасти калимаҳои **дутор**, **рубоб**, **тор**, **сурнай**, **карнай** ҷумла тартиб диҳед.

Матнро хонед ва ба кадом созҳои мусиқӣ мансуб буданашонро гӯед.



**Рубоб** – сози мусиқии тоҷикӣ мебошад. Он аз аҳди қадим чун сози якканавозӣ ва ҷӯрнавозӣ истифода мешавад. Рубоб сози мусиқии дӯстдоштаи мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

Рубоб садои мулоиму форам дошта, лаҳни он нафису ширадор аст.



**Доира (даф)** – сози мусиқии зарбӣ – чанбараке, ки рӯяш аз шикамбаи гов ё пӯсти буз ва оҳу таранг кашида шуда, дар даруни чанбарак аз 40 зиёд халқаҳои маъданӣ овехта шуда-аст.

Бо матн шинос шавед ва пас аз он мисли бародару хоҳари сурудхон бо ҳамовозии мусиқӣ сурудро хонед.



Набераи рубобнавоз пас аз субҳона барои модаркалон суруд хонд. Модаркалон суруди дилнишини набераро шунида масрур

гашт. Хоҳар мехост мисли бародар рубобнавоз ва сурудхон бошад. Хоҳару бародар бо хоҳиши модаркалон бо ҳамҷӯрӣ суруди **«Кишвари зебои ман»**-ро хонданд.

Водиҳоят – кони зар,
Меваҳоят чун шакар,
Мардумонат – пурҳунар.
Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!

Мулки дилшодам туӣ,
Меҳнатободам туӣ,
Фахри авлодам туӣ!
Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!

Нони мардонат ҳалол,
Мардумонат – некфол,
Бахту тахтат – безавол.
Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!...

Водиҳоят – кони зар,
Меваҳоят чун шакар,
Мардумонат – пурҳунар.
Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!

*Наримон Бақозода*

Шеърро аз ёд кунед.

# Мавзӯи 77. Корбасти калимаҳо дар нутқ



Панҷтор яке аз созҳои мусиқӣ мебошад. Он аз рӯйи сохт ва тарзи пардабандиаш бештар ба сози танбӯр монанд аст. Устоҳои гулдаст онро аз чӯби дарахти тут месозанд. Он панҷ тор дорад.

Матнро хонед ва ба кадом сози мусиқӣ алоқаманд буданашро гӯед.



Аз рӯйи расм созҳои мусиқии навозандагони ҷавонро номбар кунед.

Чистонҳоро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Камонаки панҷтора.
Назанӣ, садо надиҳад. (.......)

Бузи зардам бозингар.
На дил дорад, на ҷигар. (.....)

Матнро хонед ва бо назрдошти мазмун саволҳо тартиб диҳед.



Дутор яке аз созҳои мусиқӣ аст. Дарозии дутор 70–80 сантиметр буда, аз як гӯшак, коса, тахта ва харак иборат аст.

Дутор ду зиҳ (тор) дорад. Онҳоро бо панҷаҳои даст менавозанд.

Аз як ном якчанд номи сози мусиқӣ месозем!

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
|  | 2 | + | | |
| | 3 | + | | |
| | 4 | + | тор | |
| | 5 | + | | |
| | 6 | + | | |

Номи созҳои мусиқии тартибдодаро ба дафтар бо хати зебо рӯбардор кунед.

## Мавзӯи 78. Ҳиҷо

### Забони тоҷик

Дурри гаронӣ,
Ширинбаёнӣ,
Хуштар зи ҷонӣ,
Забони тоҷик!

Дар илму ирфон
Чу Шамси тобон
Ҳастӣ дурахшон,
Забони тоҷик!

Аҷаб ширинӣ,
Асал баринӣ,
Ба дил қаринӣ,
Забони тоҷик!

Чу лафзи Ҷомӣ,
Шеъри Низомӣ,
Ҳастӣ гиромӣ,
Забони тоҷик!

*Исҳоқ Яъқубов*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он калимаҳои таркиби шеърро аз ҷиҳати фарогирии ҳиҷоҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

| Калимаҳои якҳиҷо | Калимаҳои дуҳиҷо | Калимаҳои сеҳиҷо | Калимаҳои панҷҳиҷо |
|---|---|---|---|
| зи | дур–ри | га–ро–нӣ | ши–рин–ба–ё–нӣ |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Мо гуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Шоир бо интихоби кадом калимаҳо забони тоҷикиро ситоиш намудааст?
2. Калимаи **дурр** аз **дур** бо кадом ҷиҳат фарқ дорад?
3. Шоир дар матни шеър ба ҷойи калимаи **офтоб** кадом калимаро кор фармудааст?

Бо кӯмаки омӯзгор калимаҳои зеринро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

**Дурр** – ...
**Гарон** – ...
**Дурри гарон** – ...
**Шамс** – ...

**Шамси тобон** – ...
**Қарин** – ...
**Гиромӣ** – ....

Аз ҳиҷоҳои пошхӯрда калимаҳо тартиб диҳед.




Ҳиссаи калима ҳиҷо ном дорад.
Ҳарф ва овозҳои садонок барои муайян намудани миқдори ҳиҷоҳо ёрӣ мерасонад. Миқдори ҳиҷоҳо ба миқдори ҳарф ва овозҳои садонок баробар аст.

Шеърро аз ёд кунед.

# Мавзӯи 79. Машғулияти ба ҳиҷо ҷудо кардани калимаҳо

Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои якҳиҷоиро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Соз, суруд, ашӯла, ноз, тарона, боз, сароянда, найнавоз, роз, чангнавоз, доирадаст, тоз, ғиҷҷакнавоз, якканавозӣ, оҳангсозон.

Дар байни ҳиҷои калимаҳо аломати тире ( – ) гузошта мешавад.



Номи созҳои мусиқии навозандагонро нависед. Пас аз он миқдори ҳиҷои созҳои мусиқии навиштаатонро ёдрас намоед.

Порчаи шеърро хонед ва калимаҳои таркиби онро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

Сарахбори мусиқӣ,
Сараввали мусиқӣ.
Ҳангоми сурудхонӣ
Онро ту бояд донӣ.

*Намуна:* сар–ах–бо–ри    му–си–қӣ

Панҷтои калимаҳои дуҳиҷоӣ ва сеҳиҷоӣ нависед.

## Мавзӯъҳои 80–81. Инкишофи нутқ

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

### НАЙ



Най сози мусиқии нафасии қадима мебошад. Онро аз чӯби дарахти чормағз, тут ва аз қамиш месозанд. Аз нӯгаш ба дарозӣ сӯрохе дорад, ки барои дамидани бод истифода мешавад. Дар танаи най аз 6 то 10 сӯрох мавҷуд аст. Онҳо барои тағйир додани овоз (садо) ба кор мераванд.

Найи уфуқии суғдӣ аз найчаи дарозиаш тахминан 45–55 сантиметр иборат аст.

Дар нӯги он сӯрохе барои дамидани ҳаво мавҷуд аст. Найи уфуқӣ ҳоло бо номи аслии най боқӣ монда, яке аз созҳои асосии якканавозӣ, ансамблӣ ва оркестрӣ ба шумор меравад.

Бозии таълимии **«Медонам, донистан низ мехоҳам»**.

– Медонам.
– Чиро?
– **Най** номи сози мусиқӣ буданашро.
– Боз чиро донистан мехоҳӣ?
– Маънои дигари калимаи **«най»**-ро.

– Ана бишнав. Калимаи **«най»** ба ғайр аз номи сози мусиқӣ номи растаниро низ ифода менамояд. **Най** растании дарунаш ковок аст. Аз он растанӣ намуди сози мусиқиро метавон тайёр намуд.

– Донистам. Калимаи **«най»** дар забони тоҷикӣ дорои ду маъно будааст. Яке номи сози мусиқӣ ва дигаре номи растанӣ.

– Офарин!

Матнро хонед ва пас аз он лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

## ЧАНГ

Чанг сози қадимаи мусиқист. Косахонааш як сӯрохи резонансӣ (аксисадоӣ), 72 тори симин, 72 гӯшак ва 24 парда дорад.

Он сози якканавозӣ, ансамблӣ ва оркестрӣ мебошад. Овозаш ҷарангнок буда, ҳангоми зарурат онро пасту (пианно) баланд (форте) мекунанд ва асосан бо ду чӯбча менавозанд. Сози чанг дар мобайни ансамбл ҷойгир аст.

Шеърро бурро ва равон хонед.

## Ватан

Хоки ту чун зар аст,
Санги ту гавҳар аст,
Рӯят чӣ дилбар аст,
Эй боғу эй чаман,
Ватан, Ватан, Ватан!

Хоку ҳавои ту,
Обу самои ту,
Сидқу сафои ту
Ҷон бахшадам ба тан,
Ватан, Ватан, Ватан!

*Бӯрӣ Каримов*

Аз рӯйи расм номи сози мусиқиро навишта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.



____________ ро бо камонча менавозанд.
____________аз чор гӯшак ва чор тор иборат мебошад.

## ТЕСТ

1. Сози мусиқии аз чӯби дарахти чормағзу тут ва аз қамиш сохташаванда чӣ ном дорад?
   а) сурнай
   б) карнай
   в) най

2. Номи сози мусиқии 6 – 10 сӯрохдори садобарори фарогир дар кадом банд навишта шудааст?
   а) най
   б) қӯшнай
   в) рубоб

3. Созҳои мусиқии  чӣ ном доранд?
   а) сурнай ва карнай
   б) най ва қӯшнай
   в) най ва сурнай

4. Садои карнай ғафсу паст мешавад, садои сурнай чӣ?
   а) борик (баланд)
   б) баланд (садодор)
   в) оҳангдор (ғафс)

Шеъри **«Ватан»**-ро аз ёд кунед.

# МУСАВВИРӢ – НИШОНАИ ИСТЕЪДОДИ БУЗУРГ

## Мавзӯи 82. Баёни фикр аз рӯйи расм



Аз рӯйи расм ном ва рангҳои предметҳоро номбар кунед.

Мо гуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Аз предметҳои пешниҳодшуда кадоме бевосита дар шуғли расмкашӣ истифода бурда мешаванд?
2. Тарҳи расмро сараввал бо кадом воситаи расмкашӣ мекашанд?
3. Мӯқалам дар кадом вақт бо чӣ мақсад интихоб карда мешавад?
4. Дар қаламдон чанд намуди қалами ранга тасвир гардидааст?



1. Ба расм сарлавҳа интихоб кунед.
2. Бо чӣ гуна амал машғул будани духтараконро гӯед.
3. Аз ҷониби духтаракон расми кадом предмет кашида шудааст?
4. Расми тасвиркардаи духтаракон аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ дорад?
5. Дар кадом фасли сол барги дарахтон ба ҳамин ранг монанд мешаванд?

Мисли духтаракон барои кашидани барги дарахти фасли тирамоҳ кӯшиш кунед.

## Мавзӯъҳои 83–84. Кор бо калимаҳои таркиби матн

### Расм мекашам

Бо чашми рассомӣ кунам,
Бар олами зебо назар.
Созам ба нӯги мӯқалам,
Як олами нав ҷилвагар.

Андар биёбон мекашам,
Нав-нав дарахти сабзсар.
Бигзор гардад чӯли хушк,
Табдил ба боғи пурсамар



*Рауф Толиб*

Шеърро бурро ва равон хонед, паз аз он ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед.

1. Кадом шахсро рассом меноманд?
2. Рассом ба воситаи мӯқалам чӣ гуна оламро бунёд намудааст?
3. Дар шеър чӣ гуна мақсади назардошти рассом хотирнишон шудааст?

## Ҷилои рангҳо

**Наргис:** Дар олам се ранги асосӣ ҳаст. Яке – сурх, дигаре – зард, сеюмӣ – кабуд. Аз ин се ранг якуним ҳазор ранги дигар месозанд.

**Самад:** Э, биё, мон. Аз худат ҳар гап набоф.

**Наргис:** Ман аз худам набофтаам, инро хондам, шунидам, дидам.

**Самад:** Хондӣ, шунидӣ, дидӣ? Дар кӯчо?

**Наргис:** Дар маҳфили рассомони ҷавон. Мо ранг месозем.

**Самад:** Чӣ хел ранг?

**Наргис:** Ҳар хел. Ту номи ин рангҳоро шунидаӣ, лекин эътибор надодаӣ.

**Самад:** Масалан, кадом рангҳо?

**Наргис:** Масалан, хокистарранг. Шунидаӣ?

**Самад:** Ҳа, дуруст, шунидаам.

**Наргис:** Боз, нилобӣ, қирмизӣ...

**Самад:** Инашро ҳам шунидаам.

**Наргис:** Акнун, гӯш деҳ. Дар олам ранги обӣ ҳам ҳаст. Баъзе рангҳоро ширгун, олугун, мармарранг, хокӣ, ангиштӣ меноманд. Эҳ, кадомашро гӯям?!

**Самад:** Аҷиб. Ман хабар надорам.

**Наргис:** Албатта, хабар надорӣ. Барои оламро дида тавонистан чашми бино доштан даркор. Дар хона нишинӣ...

**Самад:** Не, ман дигар дар хона намешинам. Ҳамроҳи ту ба маҳфил меравам.

*(Аз китоби «Ихтирои бузург»-и Гулсара Авазова)*



Аз таркиби матн калимаҳои ифодакунандаи номи рангҳоро дарёфт намуда, ба дафтар рӯбардор кунед. Пас аз он саволҳои мувофиқ гузоред.



Калимаҳои зеринро ба дафтар бо хати зебо нависед.

Сурх, зард, кабуд, нилобӣ, қирмизӣ, хокистарранг, мармарранг, ширгун, хокӣ, ангиштӣ.

# Мавзӯи 85. Қобилу Қодир

Қобилу Қодир ҷӯраанд.

Қобил рассом шуданист. Қодир – ошпаз.

Як рӯз Қобил қаламу қоғаз гирифт. Вай расми қошуқро кашид. Баъд бо қайчӣ расми қошуқро бурид. Онро дар назди пиёлаи қаймоқ гузошт.

Қодир ба хонаи Қобил омад.

– Марҳамат, – гуфт Қобил. – Қаймоқи моро чашида бин!

Қодир қошуқро ба даст гирифт. Аммо қошуқ коғазин буд.

– Офарин! – бо завқ хандид вай. – Маро қоил кардӣ! Қошуқи коғазинат ба ман маъқул шуд!

Қобил қошуқро ба Қодир тӯҳфа кард.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ба ҷойи хатчаҳои рост бо гузоштани калимаҳои мувофиқи таркиби матн шакли пурраи ҷумлаҳоро пайдо кунед.

1. Қобил _________ шуданист. 2. Вай расми _________ кашид. 3. _________ коғазин буд. 4. _________ қошуқро ба _________ тӯҳфа кард.

Ба воситаи мӯқалам меваҳоро ранг кунед.



## Мавзӯи 86. Инкишофи нутқ

Расмро аз назар гузаронед ва пас аз он шеърро хонда, байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

### Сурат

Дар рӯйи дока Рашид,
Сурати сагро кашид.
Хоҳараш омад бараш,
Гуфто ба ӯ хоҳараш:
– Ин суратро ба ман деҳ,
– Мошонро диҳам танбеҳ!
Вай катчаро тарошид,
Дасти маро харошид.



*Убайд Раҷаб*

Матнро хонед ва фикру андешаҳоятонро баён кунед.

## Тасвири гул ва барг

Ҳар як тасвир бо қонуният ва ҷиҳатҳои бадеии худ зебу зинати худро афзун менамояд. Чунин зебоӣ дар тасвири гулҳо, баргҳо ва ашёи гуногун ҳастанд, ки онро дар корҳои амалӣ истифода мебаранд.

Барои дуруст тасвир намудани гул ва барг дар навбати аввал бо хатҳои ёрирасон онро дар рӯйи коғаз дар шакли аслиаш моҳирона тасвир менамоянд. Дар мавриди бо ранг кор кардан кӯшиш намоед, ки гуногунӣ ва ҳамоҳангии рангҳо дар тасвир ба вуҷуд ояд. Тасвирро тарзе ба анҷом расонед, ки зебоии рангҳо равшан ба назар расанд.



Расмҳои якум ва дуюмро мисли расми сеюм бо ранг ороиш диҳед.

# Мавзӯъҳои 87–88. Хониши матн ва нақли мазмуни он

## Қиссаи шағол ва хуми ранг

### I

Як Шағоли худнамо ва шӯҳратҷӯ хост, ки аз ҳамқавмони худ фарқ кунад ва дар рӯйи ҷаҳон ном барорад.

Ӯ ба худ мегуфт:

– То чанд ман мисли шағолони дигар дара ба дараву пушта ба пушта аз пайи як луқмаи ночиз мегардам? Бояд коре кунам, ки аз ҳамҷинсони худ дигартар намоям ва ҳама ба ман бо чашми таҳсину офарин нигоҳ кунанд.

Боре аз паҳлӯи дӯкони рангмол мегузашт. Дид, ки он ҷо хумҳои пур аз ранг истодаанд. Каме андеша карду ба худ гуфт: «Дар ин хумҳо рангҳои гуногун нигоҳ дошта мешаванд. Ман ба яке аз онҳо медароям у ранги пӯстамро дигар мекунам».

Шағол чашми рангмолро хато карду худро ба даруни яке аз хумҳо гирифт. Он ҷо тӯли як соат сару бадану думу пойҳояшро ба ин тарафу ба он тараф тоб доду молид ва чун донист, ки ранги баданаш дигар шудааст, аз хум берун омад. Вай афсӯс мехӯрд, ки ойина нест, вагарна саропои рангорангашро дида, лаззат мебурд. Бо вуҷуди ин,



шодона ба сӯйи ҳамқавмонаш давид, то худро нишон диҳаду сарфарозӣ кунад.

Бо матн шинос шавед ва мазмунашро аз рӯйи фаҳмиш баён кунед.

Матнро бо ҷудо кардани бандҳои алоҳида бо навбат хонед.

Ба саволҳо хаттӣ ҷавоб гардонед.

1. Шағол бо чӣ мақсад худро даруни хуми пур аз ранг андохт?
2. Шағол барои тағйири ранги сару бадан ва думу пойҳояш дар даруни хуми пур аз ранг чанд соат нишастааст?
3. Шағоли саропо рангоранг пас аз берун баромадани хуми пур аз ранг ба кадом сӯ роҳ гирифт?

Калимаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

Кӯза, хум, шағол, ранг, рангмол, рангин, рангоранг

## II

Шағолон, ки дар пуштаи офтобрӯяе фароғат мекарданд, ногоҳ пайдо шудани ҷонвари бегонаро дида, нигарон шуданд.

Яке мегуфт:

– Ин кӣ бошад?

Дигарӣ мегуфт:

– Ба мо монанд асту рангаш дигар.

Шағоли худнамо ҳайрониву ҳаросонии шағолонро диду аз дур бо ифтихор фарёд зад:

– Бубинед, ман дигар Шағол нестам, ман Товуси биҳиштам!

Шағолон донистанд, ки ҷонвари навпайдо Шағоли худашон будааст, хотирҷамъ шуданду наздиктар омаданд. Онҳо ҳар як ба даври Шағол мегаштанд, рангҳои гуногуни сару бадану думу пойҳои ӯро нигоҳ мекарданд.

Сарвари Шағолон ба гап даромад:

– Ин корро барои чӣ кардӣ?

Шағол ҷавоб дод:

– Аз Шағол будан безор шудам. Мехоҳам, ки Товус шавам, то ҳар кас бо ҳавас ба сӯям назар афканад.



Яке гуфт:

– Товус дар гулистонҳо бо нозу адо мехиромад. Оё ту ин корро карда метавонӣ?

Шағол даме андеша карду ҷавоб дод:

– Не!

Дигаре пурсид:

– Оё ту мисли товусҳо садо бароварда метавонӣ?

Шағол дар ҷавоб гуфт:

– Не!

Ҳама шағолҳо бо як овоз гуфтанд:

– Эй Шағоли аблаҳ! Пас, чаро Товус будан мехоҳӣ?

Шағоли шӯҳратпарасту худнамо дар назди ҳамқавмонаш шармсор гардид.

*(Аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Номи рангҳои сару бадан ва думу пойҳои шағоли шӯҳратпарасту худнаморо нависед.

Бозии **«Калимаёбак»**. Бо истифодаи ҳарф-ҳои пешниҳодшуда калимаҳои **ранг, шағол, хум, сар** ва **дум**ро тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| Р | А | Ғ |
| А | Ш | О |
| Н | Г | Л |

| | | |
|---|---|---|
| Х | Р | Д |
| У | А | У |
| М | С | М |

## Мавзӯи 89. Бо интихоби сарлавҳа тартиб додани матн

Ба расм сарлавҳа интихоб кунед. Пас аз он матни ҳаҷман хурдакак тартиб диҳед.



Манзараи зебову рангинро бо тартиб додани ҷумлаҳо чун наққоши моҳир баён намоед.



Бозии **«Калимаёбак»**. Бо истифодаи ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳои **расм, сурат, рассом** ва **акс**ро тартиб диҳед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Р | У | Р | Р | М | А |
| А | С | А | А | О | К |
| С | М | Т | С | С | С |

## Мавзӯи 90. Тасвири манзара

Бо интихоби рангҳои сурх, нилобӣ, гулобӣ, норинҷӣ, зард ба тасвири гулҳои зебо бипардозед. Онҳоро тавре тасвир намоед, ки чун тасвири расми сеюм равшантар намоён шаванд.



Ба ҷойи хати рост калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. ________ аз рангорангӣ ва зебоии табит бо навозиши форами най таронаи баҳорӣ механанд.

2. ________ айёми шукуфтани гулҳо ва оғози кишту кор аст.

**Калимаҳо барои истифода:** гулҳо, баҳор.

Бо амали рангнигорӣ рангҳои бунафш, кабуд, гулобиро омехта намуда, тасвири кӯҳистонро пайдо кунед.



Расми 1.



Расми 2.



Расми 3.

Калимаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

Сурх, нилобӣ, гулобӣ, норинҷӣ, зард, бунафш, кабуд

## ТААССУРОТИ НАМОИШИ ТЕАТРИИ АФСОНАҲО

### МАВЗӮИ 91. НАҚЛИ АФСОНА ВА МУЛТФИЛМҲОИ ДӮСТДОШТА

Матнро хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

Офаридани филмҳои тасвирӣ – мултфилмҳо вақти зиёдро талаб мекунад. Дар он рассомон, коргардонҳо ва таҳиягарон ширкат мекунанд. Бо ёрии донишу малака ва санъати худ ба онҳо муяссар мешавад, ки



тасвири қаҳрамонҳои филмҳояшон зинда шуда, ба ҳаракат дароянд ва сухан кунанд. Ин кор, албатта, заҳмати зиёд, вақт, тозакорӣ ва сабру тоқатро тақозо менамояд.

Барои ҳар як сонияи филми тасвирӣ бояд 24 расми гуногун кашида шавад. Ҳар як тасвирро бо каме тағйирот аз расми аввала, барои имконияти муқоиса дар варақи шаффоф кашида, бо тартиб болои ҳам мегузоранд. Ҳангоми банаворгирии филм тасвирҳои мазкур пайиҳам бо суръати тез ба навор гирифта мешаванд ва ҳангоми намоиш чунин тасаввур мешавад, ки тасвирҳо мисли одамон ҳаракат мекунанд.

1. Офаридани филмҳои тасвирӣ – мултфилмҳо чӣ қадар вақтро талаб мекунад?
2. Рассом барои намоиши як сонияи филми тасвирӣ чандто расм тайёр менамояд?
3. Дар омодагардонии филмҳои тасвирӣ – мултфилмҳо киҳо иштирок мекунанд?

4. «Амали ба наворгирӣ» гуфта чиро мефаҳмед?
5. Мултфилми аз оинаи нилгун тамошо кардаатонро ба хотир оред ва дар бораи он маълумот диҳед.



Афсонаи хондаатонро номбар кунед, пас аз он мазмуни яке аз онҳоро нақл кунед.



Аз оинаи нилгун мултфилмеро тамошо кунед. Унвон ва номи қаҳрамонҳояшро ба дафтар нависед.

## Мавзӯи 92. Хониш ва нақли афсонаҳо



Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

### Саги чашмгуруснa

Саге дар пеши дӯкони қассоб устухоне ёфту саросема ба даҳонаш гирифта, гурехта рафт.

Якчанд саги дигар дида, аз пасаш давиданд. Саг бо тамоми қувваташ худро ба тарафи дарё заду аз кӯпрук гузашта истода, назараш ба об афтида монд. Дид, ки як саги дигар як устухони калонро ба даҳан гирифта, баробари ӯ медавад. Ин акси худи вай буд.

«Оҳо, устухони вай аз устухони ман калонтар-ку!» – аз дил гузаронд саг ва усту-

хонашро партофта, худро ба об андохт. Устухон ҳам ҳамроҳи ӯ ба об рафт.

Об тез буд, саги чашмгурусна бо сад азоб шино карда, фаҳмид, ки «аз ин мондаву аз он ронда шудааст».

Аз рӯйи расм номи қаҳрамони афсонаҳоро номбар кунед. Пас аз он бо кӯмаки омӯзгор баҳри нақли афсонаҳо кӯшиш намоед.



Гург ва турна



Лаклак ва рӯбоҳ



Ду буз

Аз афсонаи «Саги чашмгурусна» ду-се ҷумла интихоб намуда, бо саволгузорӣ ном, амал, ҳаракатҳои саги чашмгуруснаро ёдрас намоед.

*чиҳо?*

*Намуна:* Бузҳо дар болои кӯпрук ба якдигар роҳи гузар намедиҳанд ва дар

*чӣ кор мекунанд?*

натиҷа ҳарду ҳам ба рӯд (дарё) меафтанд.

Бо назарандозӣ ба расм номи афсонаҳоро ба хотир оред. Паз аз он бо навбат маз-мунашро нақл кунед.



Бузаки ҷингилапо



Хирс ва марди ҳезумкаш

Бо саволгузории **кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо? чӣ хел? чӣ кор кард?** ном, амал, ҳаракати қаҳрамони афсонаҳоро нависед.

Бо кӯмаки бародар ва хоҳарони калонсол бо мақсади даъват ба мактаб барои падару модарон даъватнома нависед.

# ОДОБ ВА МАДАНИЯТИ ГУФТОР БО ТЕЛЕФОН

## МАВЗӮЪҲОИ 93–94. ОДОБИ МУЛОҚОТ БО ТЕЛЕФОН

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

## Телефон



Занги телефон омад,
Ба ҷони ман ҷон омад.
Аз хурсандӣ шукуфтам,
Гӯшакашро гирифтам,
Овози бобом омад.



Бобом салом мегӯянд,
Номи ба ном мегӯянд.
Бобом «биё» мегӯянд,
«Ҷони бобо» мегӯянд.

Равам ба Конибодом,
Пеши бибию бобом.
Раҳмат ба ту, телефон,
Корама кардӣ осон.

*Гулназар Келдӣ*



Бо матн шинос шавед ва хулосаҳоятонро баён намоед.

Телефон яке аз воситаҳои алоқа ба шумор меравад. Одамон бо истифодаи он аз масофои дуру наздик байни ҳамдигар мулоқот мекунанд. Касе ба шумо занг занад, он гаҳ гӯшаки телефонро бардошта «лаббай», пас аз он «Ассалому алейкум» гӯед. Суханҳои шахси ҳамсӯҳбатро гӯш кунед. Бо овози фораму дилнишин рози худро баён кунед. Дар анҷоми сӯҳбат пеш аз хайру хуш ба шахси ҳамсӯҳбат «ташаккур» гӯед.

Ба ҷойи хати рост калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. ________ гуногунсохт, гуногунҳаҷм, гуногунранг мешавад.
2. Гӯшак, забонча, тугмача қисмҳои ________ба шумор меранд.
3. Телефон ду ________ дорад.
4. Дар ________ телефон аз як то даҳ рақам ҷойгир аст.
5. Ба воситаи ________ овози ҳамсӯҳбат шунида мешавад.

**Калимаҳо барои истифода:** телефон, тугмачаҳои рақамдор, гӯшак, гӯшаки шунавоӣ.

Дар хусуси одоби мулоқот бо телефон пандҳи аз падару модар шунидаатонро ба дафтар нависед.

Матнро хонед ва матлаби дар он ифодаёфтаро ёдрас намоед.

## Ташаккур ба пизишк ва телефон!

Рӯзе ба дарди дандон гирифтор шудам. Аз пуршиддатии дард беқарор гашта, бо рақамчинии 103 ба ёрирасони таъҷилии тиббӣ занг задам. Бо гузашти андак вақт ёрирасони таъҷилии тиббӣ бо пизишки дандон ба хонадонамон ҳозир гардид.

Пизишк бо табобат дарди дандонамро рафъ намуд. Аз шодмонӣ ба пизишк ва атрофиён миннатдорӣ изҳор намудам.

Пай бурдам, ки телефон масофаи роҳи дурро наздик мегардонидааст. Агар ман ба воситаи он ба пизишк сари вақт занг намезадам, дар он ҳолат аз дарди дандон бисёр азият мекашидам.

Ташаккур ба пизишк ва телефон!

**Азият** – азоб, ранҷ.
**Пизишк** – духтур, табиб.
**Рафъ** – бартараф кардан.

Суханҳои пурҳикматро хонед ва мазмуни онро аз рӯйи фаҳмиш баён кунед.

1. Тозагӣ – гарави саломатӣ.
2. Саломатӣ – гавҳари ноёб.
3. Тани сиҳат – бехи давлат.

Дар охири ҷумла аломатҳои китобии нуқта (.), савол (?), хитоб (!) гузошта мешавад.

Бо корбасти аломатҳои китобии нуқта (.), савол (?), хитоб (!) ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* 1. Телефони сенсорӣ чӣ ном дорад? 2. Телефони сенсордори мобилии

дастӣ «сотка» ном дорад. 3. Дар вақти сӯҳбат бо телефон матлабро фаҳмо ва равшан баён намоед!


Суханҳои пурҳикматро хонед ва мазмуни онро аз рӯйи фаҳмиш баён кунед.

1. Аввал андеша, баъд гуфтор.
2. Сухан шунидан адаб аст.


Калимаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

Сомона, шабака, сомонаи электронӣ, шабакаи интернетӣ

## ЭҲТИРОМИ КАЛОНСОЛОН ВА ҲАМСИННУ СОЛ

## МАВЗӮИ 95. ХОНИШИ МАТН ВА БАЁНИ МАЗМУНИ ОН

### Эҳтироми падару модар ва калонсолон

Падару модарро иззат кардан, онҳоро бузургу калон донистан, аз гуфтаи онҳо набаромадан, суханашонро рад накардан, ҳамеша дар ҳама кор ризои онҳоро ҷустан ба ҳар кас лозим аст... Акнун моёнро лозим аст, ки қадри падару модарро донем, онҳоро бисёр иззат кунем, бе иҷозати онҳо коре накунем...

*Садриддин Айнӣ*

1. Шумоgive, ки чанд ҷумла навиштед.
2. Ҷумлаи дуюми матнро такроран хонед ва ба маънояш диққат диҳед.

## Бачаи тарбиядида

Бачаи тарбиядида нохуни дасту пояш ҳамеша гирифтагӣ мебошад.

Либосашро чиркин намекунад. Эҳтиёт карда мепӯшад. Ба чангу хок олуда намекунад.

*(Аз «Таҳзиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ)*

1. Миқдори ҳарфҳои калимаи «эҳтиёт»-ро муайян кунед.
2. Ҳамсадоҳои калимаи «тарбиядида»-ро номбар кунед.

Бо матн шинос шавед ва хулосаҳоятонро баён кунед.

## Салом

Мурод Зафар ва Шариф аз мактаб бармегаштанд. Марде аз рӯ ба рӯ меомад. Вай асобадаст буд, асоро ба замин туқ-туқ зада, бо эҳтиёт қадам мемонд.

– Ин мард нобиност, – гуфт беихтиёр Мурод.

Зафар афзуд:

– Ин касро мешиносам: дар маҳаллаи боло истиқомат мекунанд. Гӯшашон ҳам вазнин…

Чун мард наздик омад, Шариф гуфт:

– Ассалом, амак!

Мард ҷавоб надод ва гузаро шуда рафт.

– Чаро салом додӣ? – эрод гирифт бачаи дуюм. – Гуфтам-ку, гӯшашон вазнин. Тамоман намешунаванд.

– Медонам, – ҷавоб дод Шариф ва дигар чизе нагуфт…

*Азизи Азиз*

Аз таркиби матн ҷумлаҳои дар охир аломатҳои нуқта, савол ва хитобдорро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## Мавзӯъҳои 96–97. Тартиб додани ҷумла ва матн

Бо назарандозӣ ба расм фикру мулоҳизаатонро баён намоед. Пас аз он дар охир бо гузоштани аломатҳои нуқта, савол ва хитоб ҷумлаҳо тартиб диҳед.



Матнро хонед, пас аз он ҷумлаҳои дар охир аломатҳои нуқта, савол ва хитобдорро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## Кори муҳим

Баъди танаффус муаллим китобчаеро нишон дода гуфт:

– Дар ин китобча чанд муаммо ҳаст. Якеро мехонем!

Мо розӣ шудем. Муаллим хонд:

– Сафарҷон пагоҳӣ аз хобаш барвақт хест. Ба варзиш машғул шуд. Баъд дасту рӯяшро шуст, ноништа кард, либоси мактабӣ пӯшид. Ниҳоят китобдонашро гирифту тозон-тозон ба мактаб рафт. Сафарҷон кадом корро фаромӯш кард?

Мо ҷавоби муамморо хеле ҷустем. Аввал Наргис ҷавоб дод:

– Сафарҷон туфлиҳояшро тоза накарда ба мактаб рафт.

Аммо ин ҷавоби дуруст набуд. Он гоҳ Қаҳрамон даст бардошт:

– Сафарҷон дасташро бо собун нашуст!

Ин ҷавоб низ дуруст набуд. Ҷавоби дурусти муамморо Сино ёфт:

– Сафарҷон ба модараш хайр нагуфта рафт...

– Офарин! – Синоро таъриф кард муаллим. – Сафарҷон ба модараш хайр гуфтанро фаромӯш кард.

– Мо фаромӯш намекунем! – хитоб кард Далер.

– Ман ҳар пагоҳӣ ба модарам хайр мегӯям! – гуфт Лола ҳам.

– Муаллим ҷавоби моро ҷамъбаст намуда, гуфт: – Ба падару модар, бобою бибӣ ва хоҳару бародарон ҳар пагоҳӣ салом ё хайр гуфтан як рукни одоб аст!

*Азизи Азиз*

Суханҳои пурҳикматро хонед ва мазмуни онро аз рӯйи фаҳмиш баён кунед.

1. Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст.
2. Ҷӯянда ёбанда аст.

Бо назарандозӣ ба расм ҷумлаҳои дар охир аломатҳои нуқта, савол ва хитобдор тартиб диҳед.

## Мавзӯи 98. Такрор ва мустаҳкамкунӣ

### ТЕСТ

1. Кадом шахсро рассом (наққош, мусаввир) меноманд?

а) шахсе, ки ҳайкал метарошад
б) шахсе, ки расм мекашад
в) шахсе, ки ашкол месозад

2. Аз калимаҳои зерин кадоме номи сози мусиқиро ифода мекунад?

а) рубоб б) мӯқалам в) лӯхтак

3. Бо мӯқалам чӣ кор иҷро карда мешавад?
а) расм кашида мешавад
б) ранг карда мешавад
в) хатҳои гуногуншакл кашида мешавад
4. Калимаи наққош ба кадом савол ҷавоб мешавад?
а) ба саволи чӣ?
б) ба саволи кӣ?
в) ба саволи чиҳо?
5. Кадом шахсро шахси ҳофиз мепиндоранд?
а) шахсе, ки расм мекашад
б) шахсе, ки суруд мехонад
в) шахсе, ки афсона мегӯяд
6. Калимаҳои рассомон, ҳофизон ба кадом савол ҷавоб мешаванд?
а) ба саволи чиҳо?
б) ба саволи киҳо?
в) ба саволи чӣ хел?
7. Дар охири ҷумла ба ғайр аз аломати нуқта боз чӣ гуна аломатҳо гузошта мешавад.
а) нуқта
б) савол, хитоб
в) тире

# Мавзӯи 99. Кори назоратӣ ва таҳлили он

## Чилкокул

Дар рӯзи зодрӯз падарам ба ман лӯхтак тӯҳфа кард. Ман ба он Чилкокул ном ниҳодам. Ҳарду то вақти хоб бозӣ кардем. Ману Чилкокул хоб рафтем.

## Дарси аввал

Мо дирӯз ба мактаб рафтем. Вориди синф гардида ба дарсхонӣ машғул шудем. Дар васфи Ватан ва забони модарӣ шеърҳо аз ёд гуфтем. Баҳои хубу аъло гирифтем.

## Тӯтӣ

Тӯтӣ мисли булбул парандаи хушхон аст. Тӯтии дастпарвари Ӯктам тақлидкорона сухан мекунад. Бӯстон, Дилафрӯз, Рӯзигул ба тӯтии Ӯктам ғизои хӯрокворӣ доданд. Тӯтӣ пас аз сер шудан ба онҳо «ташаккур» гуфт.

# Мавзӯи 100. Нақли мазмуни суханҳои пурҳикмат

Суханҳои пурҳикматро хонед ва пас аз он фикру мулоҳизаатонро баён кунед.

1. Дониш – чароғи ақл.
2. Аз бекор – ҳама безор.
3. Ҳурмати худ – ба дасти худ.
4. Аз бузургон, бузургӣ омӯз.
5. Меҳнат фаровон мекунад,
   Танбалӣ вайрон мекунад.

Ба ҷойи хатчаи рост калимаҳои мувофиқро гузошта, шакли пурраи суханҳои пурҳикматро пайдо кунед.

1. __________ посбони сар аст. 2. Як __________ сесаду шасту панҷ пахлӯ дорад. 3. ________ ҳусни инсон аст. 4. Гуфтори ________ ва ________ зарари калон дорад. 5. Сухани ________, ________, ________ оқибат ба кас пушаймонӣ орад. 6. Ба назокати ________ беэътиборӣ кардан касеро ________ мекунад. 7. ________ро барои сухани нек бояд кушод.

**Калимаҳо барои истифода:** забони ширин, сухан, гуфтор, бад ва каҷҳарфӣ, бемантиқ, ногувор, ноандешида, гуфтор, беҳурмат, забон.

Мазмуни суханҳои пурҳикматро бо фикрҳои хулосавӣ баён намоед.

## Насиҳат

Забонро аз чунин гуфтор мебояд бубаст:
1. Аз гуфтани дурӯғ, зеро дурӯғгӯй душмани Худост.
2. Аз ваъдаи хилоф, ки сифати дурӯягон аст.
3. Аз ғайбат ва тӯҳмат, ки амали бадахлоқон аст.
4. Аз munoқиша, душманӣ, суханчинӣ ва айбгӯйӣ, ки онҳо аз васвасаи шайтонанд.
5. Аз таърифи худ, ки нишонаи худписандист.
6. Аз дуои бад ва ҳақорат, ки бадлафзист.
7. Аз мазоҳу масхара ва ҳазле, ки боиси ранҷиш бошад.

*(Аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус)*

**Ваъдаи хилоф** – ваъдаи бардурӯғ.
**Мунокиша** – ҷанҷоли миёни ҳамдигар.

Сухани пурҳикмати зеринро ба дафтар бо хати зебо рӯбардор кунед.

Чароғи сухан дидаҳоро мунаввар месозад.

# Мавзӯи 101. Хониши ифоданоки шеър

Шерро хонед ва пас аз он калимаҳои ба ситоиши сухан алоқамандро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## Қурби сухан

Гавҳари нобест, сухан
Давои дардест, сухан,
Офтоби қалби Одам
Ба ҳама бошад ҳамдам.
Гуфтугӯи мардумон
Бесухан ғайри имкон,
Бо сухан мо зиндаем
Машҳуру озодаем
Неруи пурқудрат аст
Ифтихори миллат аст,
Бебаҳо як сарват аст
Умре, ки дар хизмат аст.
Хизматаш беминнат аст
Донистанаш суннат аст,
Гар сухан, тоҷи сар аст
Ҷойи ӯ, дар минбар аст.

*Асад Гулзодаи Бухороӣ*

Бо кӯмаки омӯзгор калимаҳои маънояш нофаҳморо шарҳ диҳед.

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Нағз аст Офтоб,
Ё нағз одоб?
Ҳам нағз Офтоб,
Ҳам нағз одоб.
Бахри лолаҳо
Офтоб беҳтар аст,
Бахри бачаҳо
Одоб беҳтар аст.
Рухсори олам
Аз Офтоб гарм,
Рухсори одам
Аз одоб гарм.
Оламро доим
Офтобаш бошад,
Одамро доим
Одобаш бошад.



*Пӯлод Мӯъмин*



Аз рӯйи расм матни ҳаҷман хурдакак тартиб диҳед.



Аз дуто шеър якеро аз ёд кунед.

## Мавзӯи 102. Корбасти калимаҳо дар нутқ

**кист он?**



Мехонад мисли булбул,
Бе нуқтаю бе вергул.

**чист он?**



Писта шикаста мехӯрд,
Танҳо нишаста мехӯрд.

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед ва пас аз он ба саволҳо ҷавоб баргардонед.

## Падар ва писаронаш

Падар ба писаронаш насиҳат кард, ки бо ҳамдигар иттифоқ шуда, бе ҷангу ҷанҷол оромона зиндагӣ кунанд. Аммо онҳо ба суханони падар гӯш накарданд.

Як рӯз падар ба онҳо фармуд, ки як банд химча биёранд. Вай он банди химчаро дар байни фарзандонаш гузошта гуфт: «Шиканед!».



Писарон ҳарчанд зӯр заданд, шикаста натавонистанд.

Баъд, падар бандро кушоду ба дасти ҳар як писараш яктоӣ химча дода фармуд, ки шикананд.

Писарон он химчаҳои тоқа – тоқаро ба осонӣ шикастанд.

Баъд падар гуфт:

«Шумоён ҳам ана мисли ҳамин химчаҳо ҳастед: агар бо якдигар иттифоқ шуда зиндагӣ кунед, ҳеҷ кас шумоёнро мағлуб карда наметавонад. Агар бо якдигар ҷанҷолу ҳархаша карда ҷудо – ҷудо зиндагӣ кунед, шуморо ҳар кас ба осонӣ нобуд карда метавонад».

*(Аз «Ҳикматҳо»-и Луқмони Ҳаким)*

1. Падар ба писаронаш чӣ насиҳат кард?
2. Ӯ фарзандонро чӣ тавр санҷид?
3. Банди химчаҳоро ҷудо – ҷудо шикастан осон аст ё якҷоя?

Такрор намудани хониши матни «Падар ва писаронаш».

## Мавзӯи 103. Корбасти калимаҳои шаклан танҳову ҷамъ дар нутқ

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед. Пас аз он ба зери калимаҳои шаклан ҷамъ хат кашед.

Дар болои зинаҳо,
Роҳ меравand хонаҳо.

Аз рӯйи расм ба ҷойи нуқта номашро нависед ва инчунин воситаи ҷамъсозро номбар кунед.

## Бозии «Аз танҳо ҷамъ месозем».

| чӣ? | чиҳо? | чандто? |
| --- | --- | --- |
|  |  | ............ |
| ....... | ....... + ҳо | |

Ба ҷойи нуқта шакли танҳои предметҳоро нависед. Пас аз он воситаи ҷамъсози кор нафармударо гӯед.

## Бозии «Аз ҷамъ танҳо месозем».

**чиҳо?** **чӣ?**

Фароштурукҳо – ........
Фароштурукон – .....
Парастуҳо – ..............
Шохаҳо – ..................
Баргҳо – .....................
Созҳо –.......................
Сурудхонҳо – ...........
Сурудхонон – ..........
Ҳофизон – ...............
Ҳофизҳо – ...........



1. Фароштурукҳои сурудхону мусиқнавозу рақскунанда ҳамагӣ чандтоанд?
2. Фароштуруки дар шохаи сербарги байни дарахт нишаста бо чӣ гуна амал банд аст?
3. Фароштуруки дар шохаи сербарги поёнӣ нишаста бо чӣ гуна амал банд аст?
4. Фароштурукҳои дигар чӣ?

Аз рӯйи расм бо интихоби сарлавҳа матни ҳаҷман хурдакак тартиб диҳед.

## Мавзӯи 104. Калима

Аз рӯйи расм бо навиштани ном ва иловаи калимаҳои пеш ва пас аз он калимаҳои гуногунному гуногунмаъно тартиб диҳед.

### ҲАРФЧАДВАЛ

 + соз = ?

_______________.

 + тоб = ?

_______________________.

 + ак = ?

_______________.

Бе +  +  = ?

_______________________.

Калима ном, аломат, ҳаракат ва адади предметҳоро ифода мекунад.

Байни ҳамдигар аз кадом ҷиҳат фарқ доштани калимаҳои рӯ ба рӯ навиштаро гӯед.

Сурат – суръат, шер – шеър, нав – навъ, даво – даъво, бад – баъд, ало – аъло, сурат – суръат, таб – табъ.

Ба ҷойи нуқтаҳо бо калимаҳои пешниҳодшуда, калимаҳои аз ҷиҳати маъно фарққунанда тартиб диҳед.

**Чашм** – ... а
**Моҳ** – ... й, ... ича
**Анор** – ... а, ... гул
**Ватан** – ...парвар, ... дӯст

*Намуна:* Китоб – китобхон – китобхона.

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Забони модариатон чӣ ном дорад?
2. Ба ғайр аз забони тоҷикӣ боз ба кадом забонҳо ҳарф зада метавонед?

Даҳто калимаҳои ифодакунандаи таомҳои миллиро нависед.

# ХАЗИНАИ КАЛИМАҲО

## Мавзӯи 105. Калимаҳои ифодакунандаи номи предметҳо

Матнро хонед ва ба кадом савол ҷавоб шудани номи хоси бузичаҳоро гӯед. Барои нақл кардани афсона кӯшиш кунед.

### Бузаки Ҷингилапо

Рӯзе Гург аз пеши хонаи Бузаки Ҷингилапо мегузашт, овози Бузакро шунид. Бузак дари хонаашро тақ-тақ зада мегуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам дарро кушоед! Дар шохҳокам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам.

Бузичаҳо дарро кушоданд. Бузак ба хонааш даромад...



Ба духтарону писарон ном интихоб кунед ва пас аз он матни ҳаҷман хурдакак тартиб диҳед.

Дар мактаб



Пас аз дарс



Номи кишвару масканҳо, одамон, хоси ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад.

Ба калимаҳои ифодакунандаи ному насаби одамон ва шахсҳо саволи **кӣ? киҳо?** ба номи хоси ҳайвонҳо саволҳои **чӣ? чиҳо?** гузошта мешаванд.

Номи аспҳоро нисбати бодпоӣ, чобукӣ, ранг, шиҳаи овоз, намуд дар алоҳидагӣ нависед.

Дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём номҳои хоси аспҳо чунин хонда мешавад:

Чарма, Сурхчарма, Тозичарма, Ҳинг, Бодҳинг, Магасҳинг, Сабзҳинг, Шабдиз, Хур-

шед, Гӯрсурх, Зардрахш, Сиёҳрахш, Хурмогун, Чашина, Шулак, Абргун, Хокранг, Дӯза, Беҳгун, Майгун, Бодравӣ, Гулгун, Арғувон, Баҳоргун, Обгун, Нилгун, Абркос, Навбар, Сапидзарда, Бӯрсар, Бунафшагун, Адбас, Зоғчашм, Сабзпӯст, Симгун, Саманд, Алус.

Аз таркиби матни боло ду-се номи хоси аспҳоро интихоб намуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* Аспи Рустами достон Рахш ном дошт.

## Мавзӯи 106. Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳо

Ба ҷойи хати рост номи предметҳоро нависед. Калимаҳои пас аз онҳо ояндаро дар якҷоягӣ хонда, ба кадом савол ҷавоб шуданашонро гӯед.






___ нурпош   ___ ширин   ___ тез   ___ чобук

Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳо ба саволҳои **чӣ хел? чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд.

Дар катакчаҳои холӣ номи рангҳоро нависед. Пас аз он аз лавҳи хотир номи рангҳои дигарро хотирнишин намоед.

чӣ хел? чӣ гуна?



Калимаҳои аз ҷиҳати шакл, сохт ва ҳаҷм хурду калонро номбар кунед. Баъд аз он якчанд мисолҳо нависед.

| Хурд | Калон |
|---|---|
| Дафтар | Китоб |
| Пиёла | Чойник |
| Дар | Дарвоза |
| Санг | Харсанг |

Хонед ва гӯед, ки кадоме аз предметҳо паст асту кадоме баланд?

| чӣ хел? | | чӣ гуна | |
|---|---|---|---|
| Бом | | Осмон | |
| Хона | | Бино | |
| Регтӯда | | Кӯҳ | |
| Бодом | | Сафедор | |
| Асп | | Шутур | |
| Зинапоя | | Манора | |

Панҷто калимаҳои ифодакунандаи аломатҳои предмет навишта, саволҳояшро муайян кунед.

## Мавзӯи 107. Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳо

Ба ҷойи хати рост калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Мо барои гулчинӣ ба саҳро ______. 2. Дар саҳро гулҳои рангоранги хушбӯро ______. 3. Хурсандона гулдаста ______. 4. Гулдастаҳо дар даст суруд ва шеър ______. 5. ______ ва бозӣ кардем. 6. Баъд аз он ҳама ба хона ______. 7. Модари худро бо гулдастаҳо табрик ______.

**Калимаҳо барои истифода:** рафтем, дидем, тайёр кардем, хондем, рақсидем, баргаштем, намудем.

Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳо ба саволҳои **чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?** ҷавоб мешаванд.

Шеърро хонед ва аз таркиби он калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро муайян намуда, дар сутунчаи холӣ нависед.

## Тӯйча

Мӯрчабибӣ шолӣ кӯфт.
Мӯзачаи локӣ дӯхт,
Куртачаю тоқӣ дӯхт.
Сонӣ давид дарбадар,
Кард ба тӯяш хабар.
Меҳмонакон омаданд,
Хурду калон омаданд,
Кулчаи ҷав марҳамат!
Оши палав марҳамат!
Мӯрчабибӣ тӯйча кард,
Дар лабаки ҷӯйча кард

*Наримон Бақозода*

| | | |
|---|---|---|
|  | чӣ кор кард? | хона рӯфт |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

*киҳо?*
1. Ба хонаи мӯрчабибӣ _______ омаданд?

*чӣ гуна?*
2. Ба хонаи мӯрчабибӣ ________ меҳмонҳо омаданд?

*чӣ гуна?*
3. Мӯрчабибӣ меҳмонҳоро бо _______ ғизо меҳмондорӣ кард?

*чӣ кор кард?*
4. Мӯрчабибӣ дар лабаки ҷӯйча _________.

Аз рӯйи расм шуғли амал ва ҳаракати хурд-тараконро номбар кунед.



Панҷто калимаҳои дилхоҳи ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро нависед.

## Мавзӯи 108. Калимаҳои ифодакунандаи миқдори предметҳо

Ададҳои даҳӣ ва садиро аввал бо рақам ва пас аз он бо ҳарф нависед.

Калимаҳои ифодакунандаи миқдори предметҳо ба саволҳои чандто? чӣ қадар? ҷавоб мешаванд.

Шеърро хонед, калимаҳои ифодакунандаи миқдори предметҳоро бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Мо шаст нафар набера,
Чилу дуто абера.
Сию сето чабера,
Бисту якто кабера.
Пир не, тамоман ҷавон.
Вақти гулаки лола,
Нав мешавад садсола.



Ададҳои таркиби ҷумлаҳоро бо табдили ҳарф нависед.

Тахтаи шатранҷ (шоҳмот) 64-то катакча дорад.

1. Одамон дар дасту по 20-то ангушт доранд.
2. Дар қуттии гӯгирд 40 донаи гӯгирд мавҷуд аст.
3. Хона 4 кунҷ (гӯша) дорад.
4. Парандагон 2-то бол ва дар 2 по 8-то панҷа доранд.

Тезгӯякро бо як нафасгирӣ такрор кунед.

Аз як дарахт себ омад, аз як дарра сел.

Бо истифодаи рақамҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1-ум, 2-юм, 5 дона, 6 нафар

# Мавзӯи 109. Аз сатр ба сатр кӯчонидани калимаҳо

Агар калима ба сатр нағунҷад, он вақт ҳиссаи он ба сатри дигар гузаронида мешавад. Калимаро фақат ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, аз як сатр ба сатри дигар гузаронидан мумкин аст. Дар вақти ба сатри дигар гузаронидан хатча (–) гузошта мешавад. Калимаи якҳиҷоӣ аз як сатр ба сатри дигар гузаронида намешавад.

Калимаҳои ҳамсадои ҳамшабеҳи аз сатр ба сатр кӯчонидаро бо якҷоякунӣ нависед.

Ташаб – бус, муваф – фақият, дик – қат, машақ – қат, шу – ур, боқув – ват, дар – ра, дар – ранда, бузургҷус – са.

*Намуна:* Иззат, заррин, бутта ...

Калимаҳои дар таркиб ҳарфи ъ доштаро дар намуди аз сатр ба сатр гузаронии қисмҳо нависед.

1. Самеъ саъва дорад. 2. Шӯълаи шамъ намоён мешуд. 3. Ман баъзе китобҳоямро ба Неъмат додам. 4. Хонандагони синфи мо ҷамъ шуданд. 5. Мо ба ваъда вафо кардем.

Калимаҳои ҳамсадои ҳамшабеҳдорро дар намуди аз сатр ба сатр гузаронии қисмҳо нависед.

Миллат, хуррам, ҷарроҳ, зарра, дарра, дарранда.

Бо ду-се калимаҳои дилхоҳи боло якчанд ҷумла тартиб диҳед.

## Мавзӯи 110. Корбасти ибора дар нутқ

Ба ҷойи хатчаи рост ибораҳои мувофиқ гузошта, суханҳои пурҳикматро дар шакли пурра хонед.

1. __________ пурсиш аст.
2. ____________ ба кӯтоҳӣ ва ихтисор аст.
3. Дидори дӯст _____________ аст.

**Ибораҳо барои истифода:** Шифои нодонӣ, зебоии сухан, ҷилои чашм.

Аз рӯйи расм номи ҳайвоноту паранда ва ҳашаротро нависед. Дар байни калимаҳо ҳарфи и-ро гузошта ибораҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* саги вафодор, .....



фиребгар



вафодор

 азимҷусса

 хурдҷусса

 нотарс

 тарсончак

 кӯтоҳумр

 дарозумр

Матнро хонед ва ҷиҳатҳои фарқкунандаи ибораҳои ишорагардидаро гӯед.

## Шапалакҳо

Фасли баҳор буд. Офтоби дурахшон нур мепошид. Дар саҳро гулҳои рангоранг шукуфта буданд. Шапалакҳо аз гул ба гул парида менишастанд. Онҳо шираю шарбати ширини гулҳоро мемакиданд.

Рӯзе ба гули сафед – шапалаки сафед, ба гули зард – шапалаки зард ва ба гули сурх – шапалаки сурх шишта шира мехӯрданд. Ногоҳ фароштуруки калон парида омад. Вай шапалакҳои сафед ва зардро дида натавонист, вале шапалаки сиёҳро ба зудӣ дида онро дошта гирифт.



Ҷумлаҳои якум ва дуюмро ба дафтар рӯбардор кунед. Пас аз он ба зери ибораҳо хати рост кашед.

## Мавзӯи 111. Корбасти ҷумла дар нутқ

Бо интихоби калимаҳои мувофиқ ҷумлаҳои пурра тартиб диҳед.

1. Шаб торик мешавад.
   Рӯз (чӣ хел?) мешавад? ____________.
2. Шакар ширин мешавад.
   Дору (чӣ хел?) мешавад? ____________.
3. Оби чашма соф (мусаффо, зулол, шаффоф) мешавад.
   Оби ҷӯй (чӣ хел?) мешавад. __________.

**Калимаҳо барои истифода:** равшан, талх, лойолуд.

Шинос шавед ва пас аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

калон, васеъ
Дарё *(чӣ хел?)* мешавад? [ ] [ ] [ ]
чуқур

хурд, танг
Ҷӯй *(чӣ хел?)* мешавад? [ ] [ ] [ ]
паст

Матн аз чанд ҷумла ва ҳар як ҷумла аз чанд калима иборат буданашро гӯед.

## Мӯр ва гамбӯсак



Мӯр дон мекофт. Ногоҳ чашмаш ба нонрезаи калон афтод. Ҳарчанд кӯшиш кард, аммо нонрезаро ҷунбонида натавонист. Гамбӯсак омада монд. Вай ба дӯсташ ёрӣ расонид. Онҳо якҷоя нонрезаро бардошта, ба хонаи мӯр оварданд.



Рӯзе гамбӯсак аз назди хонаи мӯр мегузашт. Дӯсташ вайро ба хонааш таклиф намуд ва меҳмондорӣ кард...



Аз таркиби матн думто ҷумлаи дилхоҳро интихоб намуда, ба дафтар бо хати зебо нависед.

## ХӮШАХИРМАНҲОИ ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ

## Мавзӯи 112. Афсонаи рӯбоҳ, сангпушт ва мӯрча



Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Рӯбоҳи зирак бо мӯрчаву сангпушт дӯст мегардад. Мӯрчаи меҳнаткаш донаи гандуме меёбаду рӯбоҳ пешниҳоди онро дар куҷое коштан мекунад ва сангпушт низ розӣ мешавад.

Онҳо як теппаеро меёбанду машғули кор мешаванд, вале рӯбоҳи маккор баҳонаҷӯёна аз кор мегурезад.

Мӯрчаву сангпушт меҳнат мекунанду рӯбоҳи маккор хоб меравад. Лекин вақти гирифтани ҳосил рӯбоҳ аз куҷое пайдо шуда, ҳаққи худашро металабад.



1. Ба фикри шумо рӯбоҳу мӯрчаву сангпушт ба чӣ қарор меоянд?
2. Оё рӯбоҳи маккор метавонад аз ҳосил ҳаққи худро ситонад ё на?

## ТЕСТ

1. Рӯбоҳ, мӯрча ва сангпушт чиро байни ҳамдигар маслиҳат карданд?

а) кишти гандумро

б) ҷустуҷӯи ғизоро

в) роҳи гурезро

2. Донаро кадомаш ёфт?

а) сангпушт б) рӯбоҳ в) мӯрча

3. Кадоме бо баҳонаҷӯйӣ дар кишти гандум иштирок намекунад?

а) рӯбоҳ б) мӯрча в) сангпушт

4. Рӯбоҳи маккор аз мӯрчаву сангпушт чиро талаб мекунад?

а) музд б) пул в) ҳақ

5. Калимаҳои рӯбоҳ, мӯрча ва сангпушт ба кадом савол ҷавоб мешаванд?

а) кӣ? б) чӣ? в) чӣ хел?

Афсонаро хонед ва пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

## Мавзӯи 113. Афсонаи марди деҳқон ва кӯзаи зар

Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Деҳқон заминашро ҷуфт мекарду ногоҳ кӯзаи зар меёбад. Кӯзаро гирифта, ба хона меояду ба ҳамсараш ҳодисаро нақл мекунад ва мегӯяд, ки онро ба шоҳ мебарад.



Аз фурсате истифода бурда, ҳамсараш ба ҷойи кӯзаи зар халтаи деҳқонро бо санг пур мекунад.

Вақте деҳқон ба шоҳ халтаи сангро тақдим мекунад, ӯ ба ғазаб омада, марди бечораро ба зиндон мепартояд.

1. Ба фикри шумо оё деҳқон аз зиндон баромада метавонад?
2. Чӣ гуна адолат барқарор мешавад?
3. Оё марди бегуноҳ маҷбур мешавад, ки умри боқимондаашро аз барои ҳамсари ҳарисаш дар зиндон гузаронад?

Афсонаро хонед ва пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

# Мавзӯи 114. Афсонаи рӯбоҳ ва паланг

Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Буд, набуд, як рӯбоҳ буд. Рӯбоҳи айёру маккор буд. Як рӯз ягон паррандаро дошта хурданӣ шуда, рафта истода буд, ки якбора аз пешаш паланг баромада монд. Рӯбоҳи бечора тарсидаву дир-дир ларзида, роҳи гурезро пеш гирифт.

Гурехта рафта истода буд, ки ҷарии чуқуре баромад. Илоҷи гузаштан набуд, чӣ кор карданашро надониста, ба болои як санги калон баромаду ба гиря сар кард.

Паланг ҳайрон шуда, пурсид:

– Эй рӯбоҳ, ба ту чӣ шуд, барои чӣ гиря мекунӣ?



– Оҳ, ман шуморо дидаму падаратон ба хотирам омаданд. Раҳматӣ, ҷояшон ҷаннат шавад, ҳамин қадар нотарс ва чобуку чолок буданд, ки аз ҷариҳо чашм пӯшида меҷаҳиданд, аз кӯҳ мепариданд, аз дарёҳо мегузаштанд. Сад афсӯс, ки дидани корнамоиҳои ин хел далерон ба ман муяссар намешавад. Гиряи ман ана барои ҳамин аст.

Паланг ин гапро шунида, бо ғурур сар бардошту дар пеши рӯбоҳ чусту чолокии худро намоиш доданӣ шуда, аз ҷарӣ ҷаҳид. Ҷаҳиду ба қаъри ҷарӣ рафта зад.

Рӯбоҳ ба таги ҷарӣ нигоҳ карда, писханд зада гуфт:

– Ман медонистам, ки шумо дигару падаратон дигар. Ҳар фарзанд падараш барин намешавад.

Афсонаро ба қисмҳои алоҳида ҷудо карда хонед ва байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

## Мавзӯи 115. Афсонаи аз ҳама зӯртар кист?

Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Будааст, набудааст, як харгӯшаки далеру доно будааст. Вай хушу хуррам зиндагӣ мекардааст. Вале рӯбоҳ ӯро хӯрдан мехостааст.



Як шаб рӯбоҳ дари хонаи харгӯшакро кӯфта гуфтааст:

– Дарро кушо, камтар гарм шавам!

– Меҳмон дорам! – бепарво ҷавоб додаст харгӯшак.

– Кист меҳмони ту? – ба ғазаб омада пурсидааст рӯбоҳ.

– Гург! – ҷавоб додааст харгӯшак.

Рӯбоҳ гурехта рафтааст.

Дере нагузашта худи гург омадааст.

Дарро кушо, камтар гарм шавам! – гуфтааст вай.

– Меҳмон дорам! – бепарво ҷавоб додааст харгӯшак.



– Кист меҳмони ту? Ба ғазаб омада пурсидааст гург.

– Шершоҳ.

– Гург ҳам гурехта рафтааст.

*Азизи Азиз*

1. Рӯбоҳ дари хонаи харгӯшро барои чӣ тақ-тақ задааст?
2. Баъди рӯбоҳ чӣ ба хонаи харгӯш омадааст?
3. Харгӯшак ин дафъа гургро чӣ гуфта фиреб медиҳад?

Афсонаро хонед ва пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

# Мавзӯъҳои 116–117. Афсонаи чӯбак


Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.



Буд, набуд, як Чӯбак буд. Вай дӯстони бисёр дошт, аммо рӯзе чӣ шуду аз дӯстонаш ҷудо афтод ва раҳгум зада ин сӯ рафт, он сӯ рафту роҳи хонаашонро наёфта, дар канори роҳе хоб кард.

Ҳаво гарм буд. Чӯбак чунон тасфид, ки саҳл монда буд, сӯхта хокистар шавад. Хушбахтона, шамоли сахт хеста вайро бардошта, ба назди тӯдаи хасҳо бурд. Чӯбак худро ба паноҳи тӯдаи хасҳо гирифт. Вале хасҳо вайро бегона гирифта, «дафъ шав!» гӯён пеш карданд.

– Эй Чӯбаки олуфта, – гуфтанд онҳо, – ба куҷо сафар доштӣ, ки дар сояи мо роҳат кардан мехоҳӣ?

Чӯбак гуфт:

– Ман раҳгум задам, бародарон! Агар шумо дар сояи худ паноҳ надиҳед, ҳамин замон сӯхта, хокистар мешавам!

Хасҳо ба гапи вай бовар накарданд. Онҳо баланд хандида Чӯбакро масхара намуданд.

– Дурӯғро бинед-а! – гуфтанд онҳо. – Мо тобистони дароз дар офтоб намесӯзему ин чӯбак сӯхта хокистар мешудааст!

Чӯбак боз ба зорӣ даромад.

– Аз шумо чӣ меравад? – гуфт вай. – Шумо соҳиби соя ҳастед. Агар дар сояи

шумо хоб равам, ягон ҷойи шумо кам на-мешавад. Баръакс, шумо ба ман некӣ карда савоб мегиред!

Бо вуҷуди ин хасҳо чӯбакро ба сояи худ роҳ надоданд.

– Ту дар пеши мо ист, – гуфтанд онҳо бо тамасхур. – Канӣ бинем, чӣ хел сӯхта хокистар мешавӣ.

Чӯбак ночору ноилоҷ монд, дар пеши хасҳо дар офтоби сӯзон истода, мӯҳтоҷи раҳму шафқат шуд. Як лаҳза истод, ду лаҳза истод, се лаҳза истод. Вақте ки офтоб ба қиём расид, каллачаи чӯбак лахча барин тафсон шуду ба нохост вағғӣ карда даргирифт. Оташ дарҳол ба хасҳо расид. Хасҳо, ки хушк буданд, якбора оташ гирифтанд ва баробари чӯбак сӯхтанду хокистар гаштанд...

Дигар ҳам чӣ гӯем?! Охир, ин чӯбак чӯбаки одӣ не, гӯгирдчӯб буд, гӯгирдчӯби ҳақиқӣ...

*Азизи Азиз*



1. Чаро чӯбак танҳо монд?
2. Чӯбак ба назди чиҳо омад?
3. Аз онҳо чӣ хоҳиш кард?
4. Онҳо ба ӯ чӣ ҷавоб доданд?
5. Чӯбак чӣ кор кард ва дар куҷо истод?
6. Бо Чӯбак чӣ ҳодиса рух дод? Бо хасҳо-чӣ?
7. Оё ин воқеаро пешгирӣ кардан мумкин буд? Чӣ тарз?

**Тамасхур** – масхара кардан
**Офтоб ба қиём расид** – нисфирӯзӣ

Ҳамон қисми матнро, ки дар он Чӯбак аз хасҳо ёрӣ мепурсад, баён кунед.

Афсонаро хонед ва пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

## Мавзӯи 118. Бозии «Чашмбандак»

Шинос шавед ва тартибу қоидаҳои бозиро ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

Чашмпӯшакон, яке аз бозиҳои анъанавии маъмулу машҳури бачагонаи тоҷик аст. Чашмбандак бештар дар фаслҳои гарми сол дар ҳавливу боғча, баъзан дар хонаҳо барпо мегардад. Дар бозӣ 6–10 нафар писарону духтарони аз 7 то 15-сола ширкат мекунанд. Иштироккунандагон гирди ҳам истода, нахуст бо ҳисоби шуморак якеро барои чашмбандӣ интихоб менамоянд. Масалан, то шумораи 21 ё 30 ҳисоб мекунанд. Чашмони шахси интихобшударо бо рӯймол ё пораи матоъ мебанданд, ки ӯ бачаҳоро дида натавонад. Сипас, бозӣ оғоз мегардад, бачаи чашмбаста ба дастгир кардани дигарон сар мекунад. Бозигарон дар атрофи ӯ чарх зада, ҳар навъ шӯхиҳо мекунанд, овоз баровварда, аз наздик омадани худ ба ӯ хабар медиҳанд. Баъзеҳо ба пушт ё китфи

бачаи чашмбаста даст расонида, боз худро қафо мекашанд ва ғайра. Ҳамин ки ӯ яке аз бозигаронро дастгир кард, чашмонашро мекушоянд ва ин давр ба поён мерасад. Дар навбати дигар чашмони шахси дастгиршударо бо рӯймол мебанданд ва ӯ дастгиркуниро давом медиҳад. Ҳамин тавр, бозӣ то хаста шудани ширкаткунандагон идома меёбад.

Рафти бозӣ ва шартҳои онро номбар кунед.

Берун аз дарс дар ҳавои тоза бо иштироки ҳамсинфон бозии «Чашбандакро»-ро гузаронед.

Рақамҳои таркиби матни бозии «Чашмбандак»-ро муайян намоед. Пас аз он бо табдили ҳарф ба дафтар бо хати зебо нависед.

## Мавзӯи 119. Бозии «Бедона парид»

Шинос шавед ва тартибу қоидаҳои бозиро ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

Парид – парид, як навъ бозии анъанавии бачагон аст, ки дар фаслҳои гармо дар майдони кушод сурат мегирад. Бозигарон ба ҳамдигар зич ба сурати давра менишинанд. Онҳо пойҳояшонро ба маркази давра дароз намуда, дасти ростро мушт мекунанд ва ба он такя карда менишинанд.

Яке аз бачаҳои калонсолтар номи паранда ё ҷонваронро бо навбат номбар мекунад (масалан, бедона парид, зоғ парид...) ва дар яке аз онҳо мушти рости худро мебардорад. Дигар иштирокдорон бояд ба ӯ тақлид карда, зуд мушти росташонро боло бардоранд. Ҳар касе дер кард, ё ба пушт афтод, мағлуб ҳисоб мешавад.

Шарт, тартиб ва рафти бозии «Бедона парид»-ро баён кунед.

Калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракати предметҳои таркиби матни бозии «Бедона парид»-ро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

*Намуна:* парид **(чӣ кор кард?)**, мегирад **(чӣ кор мекунад?)**, ......

## Мавзӯи 120. Бозии «Бандкашӣ»

Шинос шавед ва тартибу қоидаҳои бозиро ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

Бандкашӣ – яке аз бозиҳои варзишии бачагона аст, ки маъмулан дар ҷашни Наврӯз ва иду маъракаҳои мардумӣ барпо мешавад. Мусобиқаи бандкашӣ дар майдончаи ҳамвор ташкил шуда, барои он ресмони ғафси дарозиаш 8–10 метр истифода мешавад. Дар мобайни майдон хате кашида мешавад. Иштирокчиён 4–6-нафарӣ ба ду

даста ҷудо шуда, аз ду тарафи хат дар майдон ҷойгир мешаванд. Бо фармони довар аъзои дастаҳо кӯшиш мекунанд, ки бандро ба сӯйи худ кашида, ҳарифонро аз хат ба майдони худ доранд. Кадом дастае, ки ҳарифонро кашида аз хат гузаронад, ғолиб дониста мешавад.

Шарт, тартиб ва рафти бозии «Бандкашӣ»-ро баён кунед.

Матнро хонед ва саволҳо тартиб диҳед.

## Мавзӯи 121. Такрор ва мустаҳкамкунӣ

### ТЕСТ

1. Кадоме аз он калимаҳо номи предметро ифода мекунад?
   а) ҳушёр б) доно в) китоб
2. Калимаҳои ифодакунандаи номи одамон ба кадом савол ҷавоб мешавад?
   а) кӣ? киҳо?
   б) чӣ? чиҳо?
   в) чӣ хел? чӣ гуна?
3. Сарҳарфи номи кишварҳо чӣ гуна навишта мешавад?
   а) калон
   б) хурд
   в) ихтисор

4. Калимаҳои ифодакунандаи номи хосси ҳайвонот ба кадом савол ҷавоб мешавад?
а) чӣ? чиҳо?
б) чӣ кор мекунад?
в) чӣ мешавад?
5. Дар кадом банд калимаи ифодакунандаи тамъ навишта шудааст?
а) асал
б) ширин
в) талх
6. Ростқавл, ростгӯ ба гурӯҳи кадом калимаҳо дохил мешавад?
а) калимаҳои ифодакунандаи номи предмет
б) калимаҳои ифодакунандаи аломати предмет
в) калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предмет
7. Дар кадом банд калимаи ифодакунандаи ҳаракати предмет дарҷ гардидааст?
а) мехонад
б) хуб
в) бурро
8. Кадоме аз он калимаҳо ба саволи чӣ кор мекунад? Ҷавоб мешавад.
а) мебозад
б) бозида аст
в) бозидаанд

# Мавзӯъҳои 122–123. Кори назоратӣ ва таҳлили он

## Испанд

Испанд яке аз гиёҳҳои шифобахши қадимии тибби Шарқ аст. Онро Абӯалӣ ибни Сино дар муолиҷаи беморҳои гуногун истифода бурдааст. Испанддудкунӣ дар Шарқ машҳур гаштааст. Аз тухми испанд ранги сурх мегиранд, ки дар ранг додани гилем ба кор меравад.

## Дар боғи ҳайвонот

Дар боғи ҳайвонот ҳодисае рӯй дод. Духтарчаи шашсола Лола фил, шер, гург, хирс палангро тамошо мекард. Ӯ ба қафаси маймун наздик рафт. Лола конфет мехӯрд. Ногоҳ маймун дасташро аз панҷара баровард ва конфети Лоларо кашида гирифт. Лола тарсид ва дод гӯён гиря кард.

Дар боғи ҳайвонот ба қафаси ҳайвонҳои ваҳшӣ наздик истодан мумкин нест.

## Тартиб додани матн



# Мавзӯи 124. Хониш ва баёни мазмуни матн

## Дониш – чароғи ақл

Китоб сарчашмаи дониш ва хазинаи маърифат аст. Касе ки аз он ҳар чизеро ҷустуҷӯ намояд, ҳамон чизи ҷустаашро меёбад.

Афзудани дониш касро пурдону соҳибмаърифат, кордону нуктафаҳм мегардонад. Дониш ганҷи бузургест, ки арзиши воло дорад. Инсони асил дар омӯхтани илму дониш пайваста мекӯшад.

Аз овони хурдсолӣ вақти худро бештар бо хониши китоб гузаронед! Бо ин гуна амали нек донишатон зиёд ва ақлу идрокатон мисли шӯълаҳои чароғи нурафшон сайқал меёбад.

Матнро хонед ва пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Афсона ва ҳикояи хондаатонро мазмунан баён намоед.

Суханҳои пурҳикмати зеринро аз ҷиҳати маъно маънидод кунед.

1. Китоб – сарчашмаи дониш.
2. Дониш – чароғи ақл.

Порчаи шеърии зеринро бо хати зебо нависед. Пас аз он калимаҳои душворфаҳмро бо ҷустуҷӯ аз луғат аз ҷиҳати ифодаи маъно шарҳ диҳед.

Ба мо инъоми яздонӣ китоб аст,  
Ҷаҳонорои ирфонӣ китоб аст.

*Нормурод Каримзода*

## Мавзӯи 125. Хониши ифоданоки шеър

### Илм

Илм бигир, эй писар!  
То ки шавӣ тоҷвар.  
Илм чу хуршед бин,  
Нур диҳад баҳру бар.  
Илм нагирӣ агар,  
Аз ту намонад асар.  
Аз ту намонад хабар,  
Менашавӣ мӯътабар.




*(Аз «Алифбоҷони ман»)*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он суханҳои дар бораи илмомӯзӣ гуфташударо бо интихоби калима ва қаторҳои шеър ёд-рас намоед.

Бо кӯмаки омӯзгор порчаи шеъриро аз ҷиҳати мазмун шарҳ диҳед.

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба чӣ гуна саволҳо ҷавоб шудани калимаҳои зеринро муайян намоед.

Шин, бин, бигир, илм, хуршед, нур, тоҷвар, мӯътабар

Панди зеринро бо хати зебо нависед.

Оламро Офтоб, одамро илм равшан мекунад.

## Мавзӯи 126. Корбасти калимаҳо дар нутқ

Бо интихоби ду-се калимаҳои зерин ҷумлаҳои дилхоҳ тартиб диҳед.

Илм, дониш, хирад, ақл, доно, донишманд, кашфиёт, ихтироъ, зебо, Ватан, кишвар, обод, хушбахт, орзу.

Ба ҷойи хати рост калимаҳои мувофиқ гузошта, ҷумларо дар шакли пурра хонед.

________ калимаи арабӣ буда, маънояш ________, ________, фарҳанг, ақл, ________ фаҳм, ________ мебошад.

**Калимаҳо барои истифода:** Дониш, маърифат, илм, хирад, идрок.

Шеърро хонед, амали ҷамъ ва тарҳи ададҳои панҷ ҳосилшавандаро иҷро кунед. Ба кадом саволҳо ҷавоб шудани ададҳоро гӯед.

## Баҳои «5»

Ду ҷамъи се панҷ буд,
Чор ҷамъи як ҳам шуд панҷ,
Ҷавоби нӯҳ тарҳи чор
Шаш ками як ҳам шуд панҷ.
Хурсанд шуд муаллим
Дида панҷи қаторам,
Бигзошт «5»-и зебо
Рӯйи варақи корам.

*Маҳбуба Неъматзода*

## ТЕСТ

Дар кадом банд ҷавоби чистони «Шохҳои қатор дорад, Дар шохакаш бор орад» навишта шудааст?

а) ҷайра
б) хорпушт
в) панҷшоха

Бо корбасти калимаҳои **доно**, **нодон**, **ҳозирҷавоб** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

# Мавзӯи 127. Корбасти калимаҳо дар нутқ

## Хислатҳои хуби инсон

Бо касбу ҳунар ва меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ кунед. Ҳунари худро хор накунед. Онро дӯст доред. Бе нуқсону фиреб кор кунед. Ба халқ некӣ кунед. Касеро ғайбату тӯҳмат накунед. Ба одамон ғамхор бошед. Илм омӯзед. Хоксору фурӯтан бошед.

Одоби сухан гуфтан, нишастан, таом хӯрдан, об нӯшидан, салом карданро риоя намоед. Сӯҳбат бо некон кунед. Ҳасад набаред. Ба молу чизи одамон ҳарисӣ накунед. Эҳтироми устод, падару модарро ба ҷо оред. Одоби рафтор дар кӯча, шаҳр ва деҳотро риоя кунед.

Матнро хонед ва пас аз он байни гурӯҳҳо ҷумлаҳои таркиби матнро баробар тақсим намуда, фикратонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед.

Калимаҳои душворфаҳми таркиби матнро бо шарҳ ба дафтар рӯбардор кунед.

*Намуна:* Фурӯтан – хоксор

1. Хоксорӣ чист?
2. Хислатҳои хуби инсон кадомҳоянд?
3. Ҳурмати падару модар ва муаллимро чӣ гуна ба ҷо меоред?

Ба ин калимаҳо савол гузоред ва шарҳ диҳед.

Инсон, халқ, одоб, устод, падар, модар, шаҳр, деҳот.

Дар бораи хислатҳои хуби дӯсти наздик ҳикояи ҳаҷман хурдакак нависед.

## Мавзӯи 128. Баёни фикр аз рӯйи расму тасвирҳо

Аз рӯйи расм касбу ҳунарашонро номбар кунед ва пас аз он нависед.



Бо калимаҳои пешниҳодшуда ва бо дарназардошти расм якчанд ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Духтур, бинокор, омӯзгор, посбон, сӯхторхомӯш, гулпарвар, футболбоз, дӯзанда.

Бо назарандозӣ ба расм калимаҳо тартиб диҳед ва пас аз он номбар кунед.

4+  =?

 +  =?

 +  =?

хуш + бӯй = ?

1000 + испанд = ?

Номи касбу ҳунарҳои аҳли оиларо нависед.

## Мавзӯи 129. Хониш ва баёни мазмуни матн

Ҳакиме писаронро панд медод:

– Ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё бақо надорад. Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда.

Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунар худ давлат аст. Ҳунарманд ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар

садр нишинад ва беҳунар хору нодор шавад. Марди ҳунарманд дар ҳеҷ ҷо ҳатто агар дур аз Ватан дар ғарибӣ афтад ҳам, азоб намекашад. Ӯ ҳунар дорад ва аз ҳунари дасту бозуи худ ризқашро меёбад.

*(Мазмун аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

1. Бехтарин манбаи зиндагӣ чист?
2. Ҳаким ба писарон чӣ панд дод?
3. Қадри ҳунарманд дар чист?
4. Марди беҳунар дар зиндагӣ чӣ ҳол хоҳад дошт?

Сухани пурҳикматро бо гуфтаҳои худ аз ҷиҳати мазмун шарҳ диҳед.

1. Ранҷ бурдӣ – ганҷ бурдӣ.
2. Ҳунар – давлати поянда.

Бо корбасти калимаҳои **ҳунар, ҳунарманд** ва **соҳибҳунар** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Бо кӯмаки омӯзгор калимаҳои душворфаҳмро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

*Намуна:* Бақо – устувор, поянда.
Садр – боло, пешгоҳ.

Бо кӯмаки калонсолон дар бораи яке аз касбу ҳунари аҳли оила маълумот диҳед.

# Мавзӯи 130. Корбасти калимаҳо дар нутқ

Ба ҷойи хати рост калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. ____________ зодаи дониш аст. 2. Аз шахси донишманд ____________ мебарояд. 3. Беҳтарин восита ва манбаи зиндагӣ ____________ аст. 4. ____________ ҳамеша соҳибиззатанд. 5. Ифтихори бузург танҳо аз ____________ ва ____________ ба даст меояд.

**Калимаҳо барои истифода:** ҳунар, ҳунарманди хуб, соҳибкасбон, ҳунари воло, касби пуршараф.

Порчаи шеъриро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ҳунар ҷӯю бо пири доно нишин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи бахтофарин.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Аз рӯйи расм касбу ҳунарашонро номбар кунед ва пас аз он нависед.







Боз чӣ гуна касбу ҳунарҳоро медонед? Номбар кунед.

Аз рӯйи расм дар бораи яке аз касбу ҳунарҳояшон матни ҳаҷман хурдакак тартиб диҳед.

# КАСБҲОИ ПУРИФТИХОР

## Мавзӯи 131. Калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар

Соҳиби кадом касбу ҳунар буданашонро гӯед ва пас аз он дар бораи касби дилхоҳ матн тартиб диҳед.



Матнро хонед ва фикратонро дар бораи касби ошногашта баён намоед.

Барои шогирд бузургтарин шахс муаллим аст. Муаллим шахсест, ки илму адаб меомӯзонад, роҳи бахту саодат ва ҳаётро нишон медиҳад. Муаллим ба мо хондан, навиштан, ҳисоб кардан, фикр кардан ва ҳунар омӯхтанро ёд медиҳад. Бузургон гуфтаанд:

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.

Бо калимаҳои **омӯзгор, устод** ва **хирадманд** ҷумлаҳо тартиб диҳед.



Ҷумлаи зеринро бо хати зебо нависед.

Устоҳои соҳибҳунари силоҳсоз аслиҳаи гуногуне аз қабили камон, найза, шамшер, ханҷар, ҷавшан, зиреҳ, сипар месохтанд.

# Мавзӯи 132. Машғулияти завқбахш

Бозии мантиқии **«Касбу ҳунарашонро медонам!»** Ана бишнавед.



Бозии мантиқии **«Кадом калима аст он?»**

шоҳ +  = ?

100 +  = ?

 +  + = ?

тар +  = ?

Дар катакчаҳои холӣ ҳарфҳои ба расмашон алоқамандро гузошта, номи парандагонро хонед.

ҲАРФҶАДВАЛ



Чистонҳоро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Аз кӯҳ вазнинтар,
Аз асал ширинтар. (бох)



Аз кӯҳ баромад мири ганда,
Сар то қадамаш ҷомаю ҷанда.

## Мавзӯъҳои 133–134. Такрор ва мустаҳкамкунӣ

### ТЕСТ

1. Гаҳвора аз ҷониби кадом шахси ҳунарманд сохта мешавад?
   а) сандуқсоз
   б) гаҳворасоз
   в) қуттисоз
2. Дар кадом банд калимаи ифодакунандаи касб навишта шудааст?
   а) омӯзгор
   б) оҳангар
   в) челонгар
3. Кӯза, хум, ашколчаҳои гуногуншакли гилинро кадом шахси ҳунарманд омода менамояд?
   а) мисгар  б) кулол  в) дуредгар

4. Оҳангар бештар бо гудохтани чӣ машғул мешавад?

а) мис
б) нуқра
в) оҳан

5. Шифокорӣ касб аст, ё ҳунар?

а) ҳунар
б) касб
в) соҳибҳунарӣ

Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

## Қадри устод бидон!

Дар бинои илму дониш ва фазлу камол хишти аввалро устод – муаллим мениҳад. Дар кӯчаву бозор ва дар мактабу ҷойи кор пеши роҳи устодро бурида нагузаред. Худро ба канор гирифта ба ӯ роҳ диҳед. Аввал ӯро гусел карда, баъд қадам ба пеш гузоред. Дар иҷрои супоришҳои устод танбалӣ ва саркашӣ накунед. Гуфтор ва панду таълимии устодро бо хурсандӣ қабул кунед. Аз устоди сахтгир ва серталаб наранҷед. Дар овони пирии устод аз ҳоли вай хабар гиред. Бо чароғи лутфу эҳсони худ хонаи дили ӯро мунаввар созед.

# Мавзӯъҳои 135–136. Кори назоратӣ ва таҳлили он

## Эҳтироми падару модар

Ҳар рӯз пас аз бархостан аз хоб бо забони нарм ба падару модарат салом деҳ. Падару модар туро азизтар аз ҷону дил медонанд. Дар айёми пириашон ту асои дасту соябони онҳо бош. Хизматашонро бо дилу ҷон ба ҷо ор. Падару модарро ҳурмат намудан ва хизматашонро ба ҷо овардан шахсро ҳамеша сарбаланд мегардонад.

## Меҳмоннавоз бош!

Дар назди меҳмон бо чеҳраи пурғубору ғамгин манишин. Вақти хӯрдани таом ба сӯйи меҳмон чашм дӯхта, ҳар як ҳаракати ӯро зери назар гирифтан хуб нест. Истеъмоли неъмати дастархонро ба ихтиёри худи меҳмон гузор. Бо мулоҳиза сухан бигӯ. Аз дӯстони наздик шиква макун. Зиёд ҳарф мазан. Касони бадхӯву ғаразогӯй, суханчинони бадтинату лофзанро назди меҳмон даъват макун. Вақти гусел ба ӯ барои омаданаш миннатдорӣ изҳор кун.

*O‘quv nashri*

**Tavakkal Choriyev, Jumanazar Eshonqulov**

# ONA TILI VA O‘QISH SAVODXONLIGI

*Ta’lim tojik tilida olib boriladigan maktablarning*
*1-sinfi uchun darslik*

Рассом Темур Тӯхтаев

Муҳаррир *Илҳом Эшонқулов*
Муҳаррири бадеӣ *Сарвар Фармонов*
Муҳаррири техникӣ *Акмал Сулаймонов*
Дизайнер *Алимардон Ақилов*
Саҳифабанд *Феруза Хасанова*
Мусаҳҳеҳ *Мижгона Ходжаева*

Ба чопаш 02.11. 2021 имзо шуд. Андозаи 60×84$^1/_8$. Гарнитураи «Arial». Кегели 18 шпондор. Бо усули офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 12,09. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 7,28. Теъдоди нашр _____ нусха. Фармоиши № ____.

Дар чопхонаи ҶММ «Yangiyul Poligraph Servise» нашр карда шуд.
112001. Вилояти Тошканд, шаҳри Янгийӯл,
кӯчаи Самарқанд, хонаи 44.